Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2024. – 32 саҳ.).**

Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур ба яке аз мавзуъҳои муҳимми хусусияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои м. 52 КҶ ҶТ ва боби 6 КИҶҶ ҶТ руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур менамояд ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи масоили иҷро ва адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ҳамчун

намуди ҷазо ва такмили минбаъдаи он бахшида шуда, аз навгониҳои зерин иборат аст: - Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар амалияи қонунгузории ватанӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва ҳамчун чораи муқовимат ба ҷинояткорӣ дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ таҳия ва муқаррар карда шудааст; - Корҳои ислоҳӣ дар таърихи ташакулёбии худ ба таври гуногун номгузорӣ мешуд: корҳои маҷбурӣ, корҳои ислоҳи меҳнатӣ, корҳои ислоҳӣ. Он дар давраҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ натанҳо ба сифати ҷазои асосӣ, балки ҳамчун ҷазои иловагӣ низ таъин мегардид; - Ҳуқуқмаҳдудкуниҳои мазмуни корҳои ислоҳиро ташкилкунандаро ба ду гуруҳ ҷудо намуд: 1) маҳдудиятҳои дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ; 2) маҳдудиятҳои дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷазои ҷиноятии ҶТ муқарраршуда; - Корҳои ислоҳӣ бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшуда алоқаманд мебошад. Ба хусус маҷбурӣ будани меҳнат ҳангоми таъинӣ ҷазои мазкур ба шахсоне, ки дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, ба кор ҷалб мешаванд, аён мегардад. Агар нисбати шахсони дигар меҳнат кардан, интихоби касбу кор ҳуқуқи онҳо бошад (м. 35 Конститутсияи ҶТ) пас нисбати маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ он ба уҳдодорӣ табдил меёбад; - Пешниҳод мешавад, ки ба қ. 3 м. 43 КИҶҶ ҶТ ибораи зерин илова карда шавад: «Ба муҳлати адои ҷазо ... аз ҷумла вақти рухсатии пардохташавандаи ҳарсола ба ҳисоб гирифта мешавад» ба ин монанд навгониҳои зиёд ироа гардидааст.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Нозимҷон Мансур илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ, омор ва амалияи судӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба иҷро расонидани масоилҳои иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазаи ҷиноятӣ, равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Нодирзода Нозимҷон Мансур мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба масоилҳои иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Нодирзода Нозимҷон Мансур мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Нодирзода Нозимҷон Мансур баъзе аз эродҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

Дар пешниҳоди 16 (Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд) муаллиф қайд менамояд, ки «Айни замон зарур аст, ки аз рӯйи тартиби қонунгузорӣ ба тариқи квотавӣ ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагон ба корҳои ислоҳӣ мустаҳкам карда шуда, доираи муайяни имтиёзҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии корфармо барои ба кор қабул намудани категорияи мазкури маҳкумшудагон муқаррар карда шавад”.

Ба андешаи мо чунин пешниҳод қобили қабул буда наметавонад, зеро он маҳкумшудагонро ба вазъи имтиёзнок гузошта, мумкин аст, ҳуқуқҳои шаҳрвандони дигарро дар мавриди таъмин шудан бо кор халалдор созад.

Эродҳои зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад.

Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нодирзода Нозимҷон Мансур сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Прокурори шуъбаи назорати
умумии прокуратураи вилояти Суғд,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Қурбонзода Б.Ш.

Имзои Қурбонзода Б.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
прокуратураи вилояти Суғд Ҷалолзода С.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ПРОКУРАТУРАИ ВИЛОЯТИ СУҒД • ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

10.01.2025